# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**31 – уми октябри соли 2020**

Диссертатсияи доктории Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор ба мавзӯи мубрами танзими ҳуқуқи хусусӣ: «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» бахшида шудааст. Мубрамияти ин мавзӯъ бо далелҳои қатъӣ собит шуда, воридшавӣ ба мавзӯи баҳсноки илми сивилистикаи муосир – вазъи ҳуқуқии кӯдак, ки дар гузашта ва дар замони глобалии «мубориза баҳри нуфуз дар нисбати ҷавонон» маҳсуб мешавад, аҳамиятнокии худро гум накардааст.

Аҳамият ва мубрамияти ин қабил мавзӯъҳо дар он зоҳир мегардад, ки то ҳол номаълум аст, ки оё кӯдак ва ноболиғ ҳамон як субъект мебошанд, ки вазъи ҳуқуқии гуногунро доранд ё онҳо субъектони комилан гуногун мебошанд. Ба андешаи муаллиф, консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак ягона буда, дарки гуногуни он бинобар иштирок дар муомилот бо номҳои гуногун қобили қабул нест. Бояд дар тамоми қонунгузорӣ сухан дар бораи «кӯдак» равад. Дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ мафҳуми мазкур истифода мешавад.

Дар вазъи ҳуқуқии кӯдак дар қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ бисёр масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст. Масалан, вазъи ҳуқуқии кӯдаки таваллуднашуда, аҳдҳое, ки кӯдаки то 6-сола бастааст ва ғайра. Чунин ҳолат ба таври ҷиддӣ ва ногузир талаб менамояд, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ таҷдиди назар карда шавад. Бастани шартномаҳо бо истифодаи интернет (масалан, кӯдаке, ки ҳангоми бозӣ кардан тавассути интернет ин ё он барномаи компютериро боргирӣ мекунад ва бо шартҳои истифодаи барнома ризоят медиҳад), масъалаи дастрасӣ ба иттилоот, субъекти муносибатҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ будан ва ғайра муносибати махсус ва таҳлили амиқи илмиро талаб мекунанд.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлилҳои дар матни рисола ҷойдошта ба хулосае омадааст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак танҳо аз паҳлӯи ҳуқуқи гражданӣ ё оилавӣ пурра инъикос намеёбад. Бинобар ин, таҳқиқоти гузаронидашуда ба муаллиф имкон додааст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдакро ҳам аз лиҳози ҳуқуқи гражданӣ ва ҳам аз лиҳози ҳуқуқи оилавӣ дида баромада, консепсияи ҳуқуқи кӯдакро коркард намояд. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки муаллифи диссертатсия ба ҳадафҳои гузоштааш ноил гардидааст. Дар ин шакл ва усул асари илмӣ бахшида ба ҳуқуқҳои кӯдак, ҳам аз ҷиҳати тарҳрезии нақша ва ҳам аз ҷиҳати сабку услуби пешниҳод намудани маводи илмӣ мубрамият ва аслияти рисолаи анҷомдодаи муаллифро нишон медиҳад. Чунки то ин замон кӯдак дар робита бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар баррасӣ мешуд. Ин яке аз самтҳои тадқиқот мебошад. Аз тарафи дигар, набояд фаромӯш кард, ки берун аз ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар баррасӣ намудани вазъи ҳуқуқии кӯдак номумкин аст.

Арзиши методологӣ ва аҳамияти назарраси илмию амалии диссертатсияи И.Ғ. Ғафforзода маҳз дар он аст, ки ӯ дар қонунгузории гражданӣ мавҷуд будани як қатор воситаю механизмҳое, ки тавозуни байни манфиатҳои падару модар ва фарзандонро таъмин мекунанд,

муайян ва исбот намудааст. Бинобар ин, омӯзиш ва ҷамъбаст намудани он низ яке аз мақсадҳои рисолаи докторӣ гаштааст.

Воқеан, мавзӯи рисолаи мазкур ва ҳадафҳои дар он муайянгардида ҷиҳати дарёфти воситаю механизмҳои муътадили рушди ҳуқуқи кӯдак дар шароити ҳуқуқии Тоҷикистон тасмими нахустин дар сатҳи рисолаи докторӣ, инчунин, таҳлили комплексии масъалаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, масъала асосан аз лиҳози ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ дар алоқамандӣ баррасӣ гардида, кӯшиши ҷиддие дар роҳи кушодани мавзӯи печида дар илми ҳуқуқшиносии кишвар аст.

Усулҳои илмии таҳқиқи мавзӯъ, ғояҳои роҳбарикунандаи дарк ва инъикоси дурусти вазъи ҳуқуқии кӯдак, роҳҳои илмии ҳалли коркарди мушкилиҳои ҳуқуқи кӯдак дар шароити ҳуқуқии Тоҷикистон, истифодаи бамавриди қонуниятҳои диалектикӣ дар таҳлил ва коркарди бонизоми мавзӯи таҳлилшаванда, арзиши хулосаҳо ва андешаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ дучанд намуда, аҳамияти навгонии диссертатсияро бебаҳс гардонидаанд.

Дар таҳқиқот усули дарки диалектикӣ ба сифати замина истифода гардидааст, ки таҳлили ҳаматарафаи объектҳои таҳқиқшаванда, инчунин, муайян намудани робитаҳои сабабию оқибатии зуҳуроти таҳлилшударо дар робитаи ногусастанӣ дар назар дорад. Ҳамчунин, дар навиштани ин рисола усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, шабоҳат) ва махсуси дарки илмӣ – муқоисавию ҳуқуқӣ, низомию таҳлилӣ, таърихӣ, усули тафсири расмию мантиқӣ низ васеъ истифода шудаанд. Усулҳои зикршуда имкон додааст, ки хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусии алоҳида, инчунин, проблемаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие, ки оид ба вазъи ҳуқуқии кӯдак ташаккул меёбанд, ташкил медиҳад.

Ба сифати мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва оилавии ватанӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи татбиқи онҳо, инчунин, доктринаи илмии танзими вазъи ҳуқуқии кӯдак баромад мекунад.

Мақсади таҳқиқотро коркард ва асосноккунии асосҳои назариявӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, инчунин, муайян намудани проблемаи илмӣ ва амалие, ки ҳангоми амалигардонӣ, ҳимоя ва умуман ҳифзи онҳо пайдо мешаванд, ташкил медиҳад. Пешниҳоди тавсияҳо барои такмил додани муқаррароти дахлдори қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавии Тоҷикистон равон карда шудааст.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро, асосан, асарҳои мутафаккирон, олимон, муҳаққиқон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии паҳлӯҳои гуногуни ҳуқуқи кӯдак, ақидаҳо, мафҳумҳо, пешниҳодоти илмӣ дар ин соҳа ташкил додааст.

Асоси меъёрии ҳуқуқии таҳқиқоти диссертатсиониро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон  ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба танзим ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак равона карда шудаанд, инчунин, санадҳои судӣ (қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо тартиби татбиқи баъзе меъёрҳои ҳуқуқии гражданӣ ва ҳуқуқии оилавӣ оид ба категорияҳои алоҳидаи парвандаҳо дар соҳаи баррасишаванда тавзеҳ дода шудаанд, таҷрибаи судӣ) ва ғайра ташкил медиҳанд.

Ғайр аз ин, асоси меъёрии таҳқиқотро баъзе меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ва оилавии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба проблемаи таҳқиқшаванда ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳам аз тарзи гузоштани проблема ва ҳам аз роҳи ҳалли он таркиб ёфтааст, зеро дар илми ватании ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ корҳое, ки таҳлили

низомноки падидаи ҳуқуқии таҳқиқшавандаро фаро гиранд, мавҷуд нест. Дар доираи кори мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистикаи ватанӣ ҳуқуқҳои кӯдак аз нигоҳи илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ таҳлил гардидааст. Навгонӣ дар ченаки мураккаби сивилистӣ ва назариявӣ-эмпирикии вазъи ҳуқуқи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Инчунин, аз навгонии мавзӯъ натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки оид ба мавҷуд будани як қатор проблема дар соҳаи муқаррароти қонунгузорӣ, татбиқи амалӣ ва дарки доктриналии ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, шаҳодат медиҳад. Дар доираи рисолаи мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистии ватанӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳолати ретроспективӣ дар давраи шӯравии инкишофи ҳуқуқи Тоҷикистон ва таносуби он бо тафаккури миллии ҳуқуқӣ таҳлил мегардад. Ғайр аз ин, таҳлили ҳуқуқии муқоисавии мафҳумҳои «кӯдак», «ноболиғ», «хурдсол» ва дигар мафҳумҳои ҳамҷавор дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак гузаронида шудааст. Проблемаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ, проблемаи амалигардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии хусусӣ таҳлил шуда, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак коркард гаштааст. Дар натиҷаи чунин таҳлил проблемаи илмии муайян намудани вазъи ҳуқуқии кӯдак дар низоми арзишҳои ҳуқуқии илми сивилистика ҳал карда шудааст, ки ин дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавӣ ва коркардҳои назариявии аз ҷониби мутахассисони назарияи ҳуқуқ ва илмҳои соҳавӣ амалишуда ба муҳаққиқ имкон доданд, ки фаҳмиши муаллифии «кӯдак»-ро дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ муайян намуда, бо нишон додани ягонагии мафҳумҳои дар ин ҷода истифодашаванда ба вазъи ҳуқуқии гуногун ишора ва хусусияти онро ошкор созад.

Сохтори диссертатсия мутобиқ ба қонунияти мантиқӣ ва талаботи афзалияти усулии илмӣ дар муносибат бо падидаю арзишҳо тартиб дода

шуда, аз муқаддима, чор боб, 15 зербоб (параграф), хулоса ва рӯйхати санадҳои меъёрӣ, адабиёт ва маводи таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ иборат аст. Хаҷми умумии диссертатсия ба талаботи рисолаи докторӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, мавзӯъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст. Ҳамзамон, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия ба масъалаҳои заминаҳои таърихӣ ва зеҳнии пайдоиши консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак бахшида шуда, дар он асосҳои таърихии ташаккули консепсияи ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузорӣ ва сабабу шароити ба он мусоидаткунанда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф баррасии ҳуқуқҳои кӯдак дар доираи ҳуқуқи римии хусусӣ яке аз лаҳзаҳои қобили таваҷҷуҳ барои илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Қайд шудааст, ки дар тамоми низомҳои ҳуқуқии таърихӣ ҳолати ҳуқуқии кӯдак бевосита бо вазъи ақди никоҳ ва ҳолати ҳуқуқии оилавӣ вобаста будааст. Ҳангоми баррасии ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳуқуқи зардуштия ва мусулмонӣ диссертант қайд намудааст, ки дар Тоҷикистони таърихӣ низоми ҳуқуқии зардуштия ва мусулмонӣ роиҷ буда, дар ин давра вазъи ҳуқуқии кӯдак маҳз аз расму оини динӣ вобаста буд. Ба ақидаи муҳаққиқ вазъи ҳуқуқии кӯдакон дар даврони шӯравӣ диққати хосро талаб менамояд, зеро тағйироти сотсиалистӣ дар давлат ба муносибатҳои оилавӣ таъсир расонид, ки он дар тарбияи кӯдакон инъикос ёфтааст. Дар ин боби рисола масоили таносуби категорияҳои «кӯдак», «ноболиғ» ва «хурдсол» дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак ва мушкилоти муайянсозии мафҳумҳо дар қонунгузории Тоҷикистон оид ба мафҳуми «кӯдак» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар доираи баррасии ин масъала муаллиф қайд намудааст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз мафҳумҳои зиёде дар иртибот бо истилоҳи «кӯдак» истифода мешаванд, ки фарогири якдигар ва ё ба якдигар хеле наздик мебошанд, аз қабили мафҳумҳои «кӯдак», «фарзанд», «ноболиғ», «кӯдаки ноболиғ», «наврас», «навзод», «ҷавон» ва ғайра.

Боби дуюм «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ» ном дошта, дар он вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, оилавӣ, дар иртибот бо ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва ғамхории махсуси давлат, инчунин, масъалаҳои ҷавобгарии онҳо тадқиқ ва баррасӣ шудааст.

Боби сеюм ба проблемаҳои амалигардии ҳуқуқу ухдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии хусусӣ бахшида шудааст, ки дар он муаллиф масъалаҳои ҳалталаби ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдакро дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ фаро гирифта, дар доираи он ба намудҳои алоҳидаи ҳалталаби ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдак диққат додааст. Ҳангоми баррасии яке аз ҳуқуқу ухдадориҳои кӯдак – муносибатҳои алиментдиҳӣ, муаллиф муайян намудааст, ки мантиқи қонунгузор зимни муайян намудани хусусиятҳои алиментдиҳии падару модар нисбат ба категорияҳои гуногуни алиментгирандагон пайдарҳамӣ надорад.

Боби чорум - «Проблемаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак», ба масъалаҳои мубрами ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак бахшида шудааст. Зимни баррасии зербоби якуми он муаллиф қайд намудааст, ки восита ва механизмҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона шудаанд, кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак мебошанд.

Хусусияти амалигардонии мустақилонаи ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя дар он аст, ки он танҳо нисбат ба падару модар истифода шуда, ба мақомоти

васояту парасторӣ, новобаста ба синну сол ва ба мақомоти судӣ, танҳо пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ мурочиат карда метавонад.

Ҳангоми баррасии нақши мақомоти васояту парасторӣ дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, муаллиф таърихи ташаккул ва рушди институти васоят ва парасториро тадқиқ намуда, нақши калони онро дар таъмини ҳуқуқҳои кӯдак исбот намудааст.

Хулосаи муҳаққиқ дар матни диссертатсия бо асарҳои интишоршудаи илмии ӯ ва назари илмиаш асоснок карда шудааст.

Ба ғайр аз номгӯи зиёди асар ва санадҳои истифодашуда, инчунин, дар диссертатсия феҳристи асарҳои интишоршудаи муҳаққиқ дарҷ шудааст, ки асоснок ва дуруст буда, пурра ба талаботи санадҳои қабулнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании ба анҷом расонида шудааст. Оид ба муҳтавои диссертатсия зиёда аз 42 кори илмӣ, аз ҷумла 1 китоби дарсӣ, 13 васоити таълимӣ, 3 монография ва 17 мақола аз рӯи мавзӯи таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Ҳаҷми умумии интишорот 100 ҷузъи чопӣ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бештар аз 10 конфронси илмию амалии ватанию байналмилалӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи кӯдак аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Далелу асосҳои овардашуда шаҳодати он аст, ки таҳқиқоти илмии баррасишаванда диссертатсияи илмии баанҷомрасонидашудаи фардист, ки ба талаботи бандҳои 10 – 16 Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**

**Ғаюров Шукрулло Караматуллоевич- мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.**
**Тел.: +992-935-10-38-62**
**Email: shukrullo67@mail.ru**

Имзои Ғаюров Шукрулло Караматуллоевичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрхо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Э.Ш. Тавқиев